**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ТАЪЛИМИИ ҒАЙРИДАВЛАТИИ**
**"ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"**

"Тасдиқ мекунам"
Ректори МТҒ «Донишкадаи тиббӣ – иҷтимоии Тоҷикистон»
________ н.и.и. Ибодзода З.Ҳ.
аз «28» ___11___ соли 2020 №___54___

# ДАСТУРАМАЛ ОИД БА ТАРТИБИ ДУРУСТИ ИСТИФОДАИ ЖУРНАЛИ ҚАЙДИ ДАВОМОТИ ДОНИШҶӮЁН ДАР МТҒ "ДОНИШКАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН"

Душанбе - 2020

Сканировано с CamScanner

# МУНДАРИЧА

1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ ........................................................................................3

2. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИЯТИ МТҒ "ДОНИШАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН" ........................................................................................5

3. ВАЗИФАИ КУРАТОРИ ГУРӮҲИ ТАЪЛИМӢ ........................................................................................6

4. ВАЗИФАИ ОМӮЗГОР ........................................................................................7

5. ҚОИДАҲОИ КОР БО ЖУРНАЛ ВА ТАЛАБОТИ БАҚАЙДГИРИИ МАЪЛУМОТИ АКАДЕМӢ ДАР ОН ........................................................................................9

6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ ........................................................................................15



Сканировано с CamScanner

# 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1.1. Дастурамал оид ба тартиби дурусти истифодаи журнали қайди давомоти донишҷӯён дар МТҒ “Донишкадаи тиббӣ - иҷтимоии Тоҷикистон” (минбаъд – Дастурамал) дар асоси талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи маориф”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ”, “Низомномаи намунавӣ оид ба муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Оинномаи донишкада ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи соҳаи таҳсилоти олии касбӣ тахия гардида, ба мақсади ба танзим даровардан, такмил ва ягонасозии тартиби истифода, пешбурд ва нигоҳдории журнали қайди давомоти донишҷӯён (минбаъд – Журнал) равона шудааст.

1.2. Журнали қайди давомоти донишҷӯён, аз ҷумла шакли электронии он (дар сурати ҷорӣ намудани чунин низом), ки татбиқи он дар донишкада бо қарори Шӯрои олимони донишкада амалӣ мегардад, яке аз воситаҳои асосии бақайдгирӣ ва назорати раванди таълим буда, иҷрои нақша ва барномаҳои таълимиро, инчунин ҳузур ва иштироки донишҷӯёнро дар машғулиятҳо ба таври мунтазам инъикос менамояд.

1.3. Журнал ҳуҷҷати расмии бунёдӣ ба ҳисоб рафта, дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ ва ташкиливу таълимӣ мебошад. Дар он ҳолати воқеии иштироки донишҷӯён дар машғулиятҳо, иҷрои корҳои таълимӣ ва дигар маълумоти вобаста ба раванди таълим ба таври дақиқ, пурра, хоно ва саривақтӣ сабт карда мешаванд. Ҳар гуна саҳлангорӣ дар пур намудани журнал метавонад ба таҳриф гардидани маълумоти таълимӣ оварда расонад.

1.4. Журнал талаботҳои зеринро дар бар мегирад:

- инъикоси пурраи иҷрои нақша ва барномаҳои таълимӣ аз рӯи ҳамаи фанҳои омӯхташаванда;

- таъмин намудани назорати мунтазам ва дақиқи давомоти донишҷӯён дар ҳамаи намудҳои машғулиятҳои таълимӣ (лексия, амалӣ, лабораторӣ ва КМРО ва ғайра);



Сканировано с CamScanner

- риояи қатъии талабот ва тавсияҳои меъёрӣ оид ба тартиби пешбурд ва пур намудани журнал;

- ба инобат гирифтани пешниҳодҳо, эродҳо ва тавсияҳои роҳбарияти донишкада ҷиҳати такмил ва истифодаи самараноки журнал;

- таъмини шаффофият ва эътимоднокии маълумоти дар журнал сабтшуда.

1.5. Риояи талабот ва қоидаҳои истифодаи журнал барои ҳар як омӯзгор, куратори гурӯҳи таълимӣ, инчунин дигар шахсони масъули раванди таълим дар донишкада ҳатмӣ буда, иҷро накардани он метавонад боиси андешидани чораҳои интизомӣ гардад.

1.6. Садорати факултет (муовини декан ё эдвайзер – мушовири академӣ), куратори гурӯҳ, омӯзгори фаннӣ ва сардори гурӯҳ барои дуруст, саривақтӣ ва беосеб нигоҳ доштани журнал, инчунин барои дурустии маълумоти дар он воридшуда масъулияти шахсӣ доранд.

1.7. Журнал ҳамчун яке аз ҳуҷҷатҳои асосии соҳаи маориф тибқи тартиб ва низоми муқарраршуда ҳуҷҷатгузорӣ гардида, барои ҳар як гурӯҳи таълимӣ дар шакли таҳсили рӯзона барои як нимсолаи таълимӣ (семестр) пешбинӣ мешавад ва пас аз анҷоми он тибқи тартиб ҷамъбаст мегардад.

1.8. Ворид намудани ҳар гуна маълумоти иловагӣ, тағйирот ё иловаҳо ба журнал бе мувофиқаи пешакӣ бо раёсати таълим аз ҷониби факултетҳо, омӯзгорон ё дигар шахсони ваколатдор қатъиян манъ мебошад.

1.9. Сабтҳо дар журнал бояд бе иштибоҳ, бе хаткӯркунӣ ва бе ислоҳоти худсарона, мутобиқи талаботи муқарраршуда анҷом дода шаванд. Дар ҳолати зарурати ислоҳи маълумот, он танҳо бо риояи тартиби муқарраршуда ва бо тасдиқи шахсони масъул иҷозат дода мешавад.

1.10. Журнал ҳамчун ҳуҷҷати расмии муҳимми таълимӣ дар бойгонии донишкада ба муҳлати на камтар аз 25 сол нигоҳ дошта мешавад ва ҳифзи дуруст у бехатари он мутобиқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.



Сканировано с CamScanner

# 2. ВАЗИФАҲОИ РОҲБАРИЯТИ МТҒ “ДОНИШАДАИ ТИББӢ - ИҶТИМОИИ ТОҶИКИСТОН”

2.1. Ректори донишкада ва муовинони ӯ, деканони факултетҳо ва муовинони онҳо, мудирони кафедраҳо, инчунин кураторони гурӯҳҳои таълимӣ ухдадоранд, ки мунтазам ва пайваста назорати дохилиидоравиро ҷиҳати дуруст, саривақтӣ ва пурра ба қайд гирифтани мавзӯъҳо ва дигар маълумоти зарурӣ дар журнал амалӣ намоянд. Назорат аз рӯи самтҳои зерин ба роҳ монда мешавад:

- таъмин намудани пуркунии журнал то оғози соли таҳсил, аз ҷумла ба тартиб даровардани варақаи титулӣ, ворид намудани маълумот дар саҳифаҳо вобаста ба фанҳои таълимӣ, маълумоти умумӣ дар бораи донишҷӯён, нишон додани ҳаҷми соатҳои таълимӣ аз рӯи ҳар як фан, таҳияи варақаи ҷамъбастии давомот, инчунин сабти маълумот оид ба машғулиятҳои факултативӣ ва иловагӣ;

- анҷом додани назорати мунтазами ҳафтаина вобаста ба дуруст ва мутобиқ ба талабот ба расмият даровардани қайди мавзӯъҳои фанҳои таълимӣ, таъмини воқеият ва эътимоднокии қайди давомоти донишҷӯён, пешгирии ҳар гуна ҳолатҳои сабти ғайриқонунӣ, аз ҷумла роҳ надодан ба супоридани вазифаҳо дар рӯзҳои ид ва истироҳатӣ, бо дарназардошти ҳаҷми соатҳои дарсии дар нақшаи таълимӣ барои як ҳафта пешбинишуда.

2.2. Ғайр аз санҷишҳои ҷорӣ, ки аз ҷониби роҳбарияти сохторҳои таълимӣ амалӣ мегарданд, журнал метавонад аз ҷониби сохторҳои молиявӣ ва дигар мақомоти ваколатдори назоратӣ низ мавриди санҷиш қарор дода шавад. Ин санҷишҳо бо мақсади таъмини шаффофият, қонунмандӣ ва мувофиқати истифодаи журнал ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ гузаронида мешаванд.

2.3. Дар анҷоми ҳар як нимсолаи таҳсил, муовини декан (эдвайзер – мушовири академӣ) пас аз санҷиш ва тасдиқи пуррагӣ ва дурустии сабтҳои омӯзгорони фаннӣ, журналро ҷамъбаст намуда, оид ба ҳолати он санади



Сканировано с CamScanner

дахлдор тартиб медиҳад ва мутобиқи тартиби муқарраршуда онро барои нигоҳдорӣ ба бойгонии донишкада месупорад.

2.4. Бо мақсади сабти мунтазами корҳои тарбиявӣ ва фаъолияти кураторӣ, дар журнал саҳифаи алоҳида ҷудо карда мешавад, ки дар он маълумот дар бораи мавзӯъҳо, шакл ва натиҷаҳои соатҳои тарбиявӣ ба таври муқарраршуда инъикос мегардад.

2.5. Ректори донишкада ҳуқуқ дорад нисбати омӯзгори фаннӣ, куратори гурӯҳи таълимӣ ё дигар шахсони масъул, дар ҳолати риоя нагардидани талабот ва қоидаҳои муқарраршуда оид ба тартиби пешбурд ва ба расмият даровардани журнал, мутобиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои таъсиррасонии интизомӣ татбиқ намояд.

## 3. ВАЗИФАИ КУРАТОРИ ГУРӮҲИ ТАЪЛИМӢ

3.1. Куратори гурӯҳи таълимӣ вобаста ба истифода ва пешбурди дурусти журнал ухдадор аст корҳои зеринро иҷро намояд:

- варақаи титулӣ ва мундариҷаи журналро (номгӯи фанҳои таълимӣ мутобиқи нақшаҳои таълимии тасдиқшуда) бо риояи талаботи муқарраршуда пурра ва дуруст хонапурӣ намояд;

- рӯйхати донишҷӯёни гурӯҳро дар журнал бо нишон додани ному насаб тибқи маълумоти шиноснома ва бо тартиби алифбо тартиб диҳад;

- дар саҳифаҳои дахлдор номи фанни таълимиро мутобиқи нақшаи таълимӣ ворид намояд;

- ному насаби омӯзгори фанниро пурра ва беихтисор сабт намояд;

- ҳаҷми умумии соатҳои таълимиро мутобиқи нақшаи таълимӣ барои нимсолаи таҳсил, инчунин миқдори кредитҳоро бо тақсимбандӣ аз рӯи намудҳои машғулият (лексия, машғулиятҳои амалӣ, лабораторӣ ва КМРО) дақиқ ва пурра инъикос намояд;

- дар саҳифаи алоҳидаи журнал (рӯйхати донишҷӯёни гурӯҳ) маълумоти зарурино оид ба ҳар як донишҷӯ мутобиқи талаботи муқарраршуда хонапурӣ



Сканировано с CamScanner

намояд;

- варақаи ҷамъбастии давомоти донишҷӯёнро мунтазам, як маротиба дар як ҳафта, бо нишон додани натиҷаҳои воқеӣ ва дақиқ ба қайд гирад.

3.2. Ҳама гуна тағйирот вобаста ба ҳайати гурӯҳи таълимӣ танҳо дар асоси фармоиши расмии ректори донишкада ва пас аз интишори он ба журнал ворид карда мешавад. Дар чунин ҳолат, куратори гурӯҳ уҳдадор аст, ки дар саҳифаҳои дахлдори журнал қайдҳои мувофиқро бо нишон додани рақам ва санаи фармоиш ворид намояд, аз ҷумла:

- "хориҷ карда шуд бо фармоиши №___ аз «» ______ соли 20__";
- "барқарор карда шуд бо фармоиши №___ аз «» ______ соли 20__";
- "интиқол карда шуд бо фармоиши №___ аз «» ______ соли 20__".

Қайдҳои мазкур бояд ба таври дақиқ, хоно ва мутобиқи талаботи ҳуҷҷатгузорӣ сабт карда шаванд.

3.3. Куратори гурӯҳи таълимӣ уҳдадор аст назорати мунтазам ва доимиро ҷиҳати саривақт ва дуруст ба қайд гирифтани мавзӯъҳои машғулиятҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорони фаннӣ таъмин намояд. Дар ҳолати ошкор гардидани камбудиҳо, аз ҷумла дар мӯҳлатҳои муқарраршуда сабт нагардидани мавзӯъҳо, номувофиқати мазмуни мавзӯъҳои дар журнал қайдшуда бо силлабус (барномаи таълимии фан), хатогиҳои имлоӣ ё мазмунӣ ва дигар норасоиҳо, куратор уҳдадор аст эродҳои дахлдорро пешниҳод намуда, мӯҳлатҳои мушаххаси бартарафсозии онҳоро муайян ва раванди ислоҳи камбудиҳоро назорат намояд.

## 4. ВАЗИФАИ ОМӮЗГОР

4.1. Журнал аз ҷониби омӯзгори фаннӣ ҳатман дар рӯзи гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ пур карда мешавад. Таърихи рӯзи гузаронидани дарс танҳо бо рақамҳои арабӣ (формати рақамӣ) сабт гардида, санаи қайди мавзӯъ (дар қисми охири саҳифа) бояд пурра ба рӯзи воқеии гузаронидани машғулият мутобиқат намояд. Дар қисми рости саҳифа моҳ ва рӯзи дарс бо тартиби



Сканировано с CamScanner

муқарраршуда нишон дода мешаванд. Риоя накардани мутобиқати санаҳо ҳамчун вайронкунии тартиби ҳуҷҷатгузорӣ арзёбӣ мегардад.

4.2. Дар саҳифаҳои қисмати дуюми журнал омӯзгор уҳдадор аст номи мавзӯи дарсӣ ва миқдори соатҳои барои он ҷудошударо мутобиқи нақша ва барномаи таълимӣ (силлабус) дақиқ ва пурра сабт намояд. Дар ҳолати гузаронидани машғулиятҳои ҷуфт (пайдарпай), мавзӯи дарсӣ барои ҳар як соат алоҳида ва такроран навишта мешавад. Миқдори соатҳои барои ҳар як мавзӯъ пешбинишуда бояд ба талаботи нақшаи таълимӣ ва силлабус пурра мутобиқат дошта бошад.

4.3. Истифодаи хатҳои уфуқӣ ё дигар аломатҳое, ки такрори мавзӯъро ифода мекунанд, қатъиян манъ мебошад. Дар ҳолатҳое, ки мавзӯъ хусусияти умумӣ дорад (масалан, "Такрор", "Ҳалли масъалаҳо" ва ғайра), омӯзгор уҳдадор аст мазмуни мушаххаси мавзӯъро бо тавзеҳи дақиқ ва пурра дар журнал инъикос намояд.

4.4. Омӯзгор вазифадор аст иштироки донишҷӯёнро дар ҳар як машғулият мунтазам ва дақиқ назорат намояд. Дар ҳолати ғоиб будани донишҷӯ, дар паҳлуи ному насаби ӯ дар хоначаи мувофиқ ҳарфи "ғ" (ғоиб) гузошта мешавад. Санҷиши давомот бояд дар оғози дарс анҷом дода шуда, натиҷаи он фавран дар журнал сабт гардад. Барои баъзе намудҳои машғулият (масалан, соатҳои лексионӣ ё соатҳои тарбиявӣ) қайди давомот метавонад аз ҷониби сардори гурӯҳ анҷом дода шавад, вале масъулияти умумӣ ба зиммаи омӯзгор боқӣ мемонад.

4.5. Рӯзҳои ид ва ҷашнҳои расмӣ, ки ҳамчун рӯзҳои истироҳатӣ эълон гардидаанд, дар журнал бо сабти пурраи номи ҷашн ё чорабинӣ (бо зикри "Рӯзи ид") ва бе нишон додани соатҳои дарсӣ, бо имзои омӯзгор қайд карда мешаванд. Ҳамзамон, соатҳои дарсӣ, ки ба ин рӯзҳо рост меоянд, ҳатман бояд дар доираи соатҳои захиравӣ ё тавассути ташкили машғулиятҳои иловагӣ ҷуброн карда шаванд.

4.6. Дар ҳолати иваз шудани машғулият (ивазкунии омӯзгор ё ҷойивазкунии дарс), дар журнал ҳатман санаи гузаронидани дарс, мавзӯи



Сканировано с CamScanner

машғулият, ишораи “ивазкунӣ” ва имзои омӯзгоре, ки дарсро баргузор намудааст, сабт карда мешавад. Қайдҳо бояд ба таври дақиқ ва мутобиқи талаботи муқарраршуда анҷом дода шаванд.

4.7. Дар анҷоми соли таҳсил, дар варақаи фаннӣ пас аз сабти дарси охирин, омӯзгор натиҷаи иҷрои барномаи таълимиро бо нишон додани ҳаҷми умумии соатҳои пешбинишуда ва амалан гузаронидашуда (аз рӯи намудҳои машғулият: лексионӣ, амалӣ, лабораторӣ ва КМРО) ҷамъбаст менамояд. Сабт бояд дар шакли муқарраршуда, масалан: “Тибқи барнома – 72 соат, гузаронида шуд – 72 соат, барномаи таълимӣ пурра иҷро гардид” анҷом дода шавад.

## 5. ҚОИДАҲОИ КОР БО ЖУРНАЛ ВА ТАЛАБОТИ БАҚАЙДГИРИИ МАЪЛУМОТИ АКАДЕМӢ ДАР ОН

5.1. Сардори гурӯҳи таълимӣ уҳдадор аст, ки пеш аз оғози машғулиятҳои таълимӣ журналро аз деканат қабул намуда, онро саривақт барои истифода ба омӯзгор пешниҳод намояд. Пас аз анҷоми ҷуфти охирини дарсӣ, инчунин дар ҳолати гузаронидани машғулиятҳои сиклӣ берун аз биноҳои асосии донишкада – баъд аз анҷоми пурраи сикл, журнал бояд ҳатман ба деканат баргардонида шавад. Сардори гурӯҳ барои нигоҳдории бехатар, тамомият, ҳолати техникӣ ва пешгирии гумшавии журнал дар давоми рӯзи таълимӣ масъулияти шахсӣ дорад.

5.2. Дар ҷараёни машғулиятҳои таълимӣ баромадани сардори гурӯҳ аз аудитория бо мақсади овардан ё бурдани журнал қатъиян манъ мебошад. Журнал бояд пешакӣ, то оғози дарс, дар аудитория дастрас гардонида шавад.

5.3. Нигоҳдорӣ, гузоштан ё муваққатан мондани журнал дар кабинетҳои фаннӣ, кафедраҳо ё дигар утоқҳо, ки ба ҷойи расмии нигоҳдории он мансуб нестанд, манъ карда мешавад. Журнал бояд танҳо дар ҷойҳои махсус муайяншуда (деканат) нигоҳ дошта шавад.

5.4. Ҳамаи сабтҳо дар журнал бояд бо ручкаи якранги кабуд анҷом дода



Сканировано с CamScanner

шуда, ба таври возеҳ, хоно, пайдарпай ва бе иштибоҳ навишта шаванд. Истифодаи навиштҳои норавшан, доғдор ё вайронкунандаи шакли ҳуҷҷатгузорӣ роҳ дода намешавад.

5.5. Истифодаи ручкаҳои ранги сурх ё дигар рангҳо танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ иҷозат дода мешавад, аз ҷумла ҳангоми ворид намудани қайдҳои назоратӣ аз ҷониби маъмурияти донишкада ё шахсони ваколатдор. Дар чунин ҳолатҳо, истифодаи ранг бояд мақсаднок ва мутобиқи талаботи ҳуҷҷатгузорӣ бошад.

5.6. Дар журнал роҳ додан ба хатхӯркунии нодуруст, кандани варақҳо, истифодаи моеъҳои ислоҳкунанда (корректор, штрих) ва дигар амалҳое, ки метавонанд ба эътимоднокӣ ва аслияти ҳуҷҷат халал расонанд, қатъиян манъ мебошад.

Дар ҳолати роҳ ёфтани хатогӣ, ислоҳи он бояд бо тартиби зерин анҷом дода шавад: матни хато бо як хати уфуқии борик хат кашида шуда, ба тавре ки хонданаш имконпазир бошад, нигоҳ дошта шавад; дар паҳлу ё болои он маълумоти дуруст навишта мешавад. Шахси масъул (омӯзгор ё шахси ваколатдор), ки ислоҳро ворид менамояд, уҳдадор аст дар ҳошияи саҳифа қайди “Ислоҳ шуд” гузошта, онро бо имзо ва сана тасдиқ намояд.

Ислоҳи маълумоти вобаста ба давомоти донишҷӯён (аз ҷумла иваз намудани қайди “ғоиб” ба “ҳозир” ё баръакс), новобаста аз сабаб (иштибоҳ ё баъдан ҳозир шудан), дар ҳама ҳолат манъ мебошад.

5.7. Ҳама маълумот ва сабтҳои марбут ба машғулиятҳои таълимӣ, давомот ва дигар амалиётҳои дахлдор бояд ҳатман дар ҳамон рӯзи гузаронидани дарс ё иҷрои амалиёт ба журнал ворид карда шаванд. Ба таъхир гузоштани сабтҳо ё пур намудани журнал дар рӯзҳои баъдӣ ҳамчун вайронкунии тартиби муқарраршуда ба ҳисоб меравад.

5.8. Саҳифаи унвонии журнал (сарварақ ё варақаи титулӣ) бояд бо диққати максималӣ ва бе ягон хатогӣ пур карда шавад. Саҳифаи унвонӣ хукми расмӣ ва ҳуқуқии журналро муайян мекунад.

5.8.1. **"ЖУРНАЛИ ҚАЙДИ ДАВОМОТИ ДОНИШҶӮЁН":**



Сканировано с CamScanner

сарлавҳаи асосӣ мебошад.

5.8.2. Ихтисос: Номи пурра ва расмии ихтисос мувофиқи стандарти давлатии таълимӣ ва нақшаи таълимии тасдиқшуда (масалан, **“1-790101 - Кори табобатӣ”**) навишта мешавад.

5.8.3. **Курс:** Рақами курс танҳо бо рақамҳои арабӣ (масалан, “4”) нишон дода мешавад.

5.8.4. **Гурӯҳ:** Рақами гурӯҳи академикӣ (Масалан, "Гурӯҳи 13”).

5.8.5. **Барои нимсолаи:** Рақами нимсолаи ҷорӣ (Масалан, "1-уми (тирамоҳӣ)" ё "2-юми (баҳорӣ)").

5.8.6. **Соли таҳсил:** Соли таҳсили ҷорӣ дар шакли "XXXX-XXXX" (Масалан, "2024-2025").

5.8.7. Номгуи фанҳои таълимӣ дар нимсола: Рӯйхати пурраи ҳамаи фанҳои таълимӣ, ки дар нимсолаи ҷорӣ ба донишҷӯён омӯзонида мешаванд. Номи фанҳо бояд ба нақшаи таълимӣ мувофиқат намуда, бо тартиби муайян (алифбоӣ ё тибқи нақша) навишта шаванд.

5.8.8. **Декани факултет:** Дар қисми поёнии саҳифа декан имзои худро гузошта, онро бо мухри расмии факултет тасдиқ мекунад. Ин амал ба журнал хукми расмӣ ва ҳуқуқӣ мебахшад.

5.9. Руйхати донишҷӯёни гурӯҳ (Масалан, саҳифаи “Руйхати донишҷӯёни гурӯҳ”). Ин қисмат (одатан дар аввали журнал ё бахши махсус ҷойгир аст) асос барои ҳамаи сабтҳои марбут ба донишҷӯён мебошад:

5.9.1. **№: Рақами тартибии донишҷӯ:** дар руйхат (одатан бо тартиби алифбо).

5.9.2. **Ному насаби донишду:** Ном, насаб ва номи падари донишҷӯ пурра ва дақиқ, мувофиқи ҳуҷҷатҳои шахсӣ (шиноснома, билети донишҷӯӣ). Ҳар гуна хатогӣ метавонад боиси мушкилот дар оянда гардад.

5.9.3. **Соли таваллуд:** Санаи пурраи таваллуд (рӯз.моҳ ва соли таваллуд).

5.9.4. **Миллат:** Миллати донишҷӯ.

5.9.5. Баромади иҷтимоӣ: ба пайдоиш ё мансубияти иҷтимоии шахсе



Сканировано с CamScanner

ишора мекунад, яъне аз кадом табақаи ҷомеа баромадани оилаи ӯ.

5.9.6. **Кори ҷамъиятии ба зиммааш вогузоршуда:** донишҷӯ.

5.9.7. **Нишонаи зодгоҳ:** суроғаи воқеии истиқомат.

5.9.8. **Нишонии зист:** Суроғаи доимии истиқомат тибқи қайди шиноснома.

5.9.9. Ин руйхат аз ҷониби мушовири академӣ, эдвайзер (дар шароити донишкада куратор) бодиққат тартиб дода ва тасдиқ карда мешавад.

5.10. Мундариҷаи журнал (Саҳифаи "Мундариҷа"). Ин саҳифа барои дастрасии осон ба маълумоти фанҳои гуногун хизмат мекунад:

5.10.1. **№:** Рақами тартибии фан.

5.10.2. **Номгуи фанҳои таълимӣ:** Номи фанҳои таълимӣ ба таври пурра, мувофиқи сарварақ ва нақшаи таълимӣ дар ин ҷо такроран сабт мешаванд. Тартиби фанҳо бояд ба тартиби онҳо дар нақшаи таълимӣ ё тартиби саҳифабандии журнал мувофиқат кунад.

5.10.3. **Саҳифа:** Рақами саҳифае, ки бақайдгирии маълумот оид ба фанни мазкур (қисмати иҷрои нақша ва қайди давомот барои он фан) оғоз меёбад. Ин рақамгузорӣ бояд дақиқ бошад.

5.10.4. Дар поёни саҳифаи мундариҷа мушовири академӣ (эдвайзер), дар шароити донишкада куратор имзо гузошта, дурустии маълумоти воридшударо тасдиқ мекунад.

5.11. Бақайдгирии маълумот дар саҳифаҳои фаннӣ. Барои ҳар як фанни таълимӣ дар журнал саҳифаҳои махсус ҷудо карда мешаванд.

5.11.1. Маълумоти унвонии саҳифаи фан:

- **Номи фанни таълимӣ:** Номи пурраи фан тибқи нақшаи таълимӣ дар болои саҳифа (Масалан, "Фармакологияи клиникӣ") нависта мешавад.

- **Ному насаб ва вазифаи омӯзгор:** Ному насаби пурра ва дараҷа/унвони илмии омӯзгор(он)-е. ки аз ин фан дарс мегӯянд, нависта мешавад.

- Қисми **"Миқдори кредитҳо дар нимсола _______ аз ҷумла:"** миқдори пурраи кредитҳое, ки тибқи нақшаи таълимӣ дар нимсолаи муайян



Сканировано с CamScanner

барои фанни таълимӣ ҷудо гардидааст, бо рақамҳои арабӣ нависта мешавад (Масалан, “4 кредит”).

- Дар қисматҳои **“барои машғулиятҳои синфӣ (аудиторӣ) ___”** ва **“барои корҳои мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор ___”** бошад, миқдори кредитҳои барои машғулиятҳои дар ин қисматҳо овардашуда, бо рақамҳои арабӣ (Масалан, “2 кредит” ё “1 кредит”) нависта мешавад.

5.11.2. **Қисми “Миқдори соатҳо аз руи нақша дар нимсола, аз ҷумла:”.** Ин қисмат миқдори умумии соатҳои таълимиро, ки барои фанни мазкур дар нимсолаи ҷорӣ тибқи нақшаи таълимии тасдиқшуда ҷудо шудааст, нишон медиҳад. Ин рақамҳо бояд ба силлабус ва ба нақшаи таълимии фан мувофиқат кунанд.

**- барои лексия:** Миқдори умумии соатҳои машғулиятҳои лексионӣ.

- барои машғулиятҳои амалӣ (семинарӣ): Миқдори умумии соатҳои машғулиятҳои амалӣ ё семинарӣ.

**- барои машғулиятҳои таҷрибавӣ (лабораторӣ):** (агар мавҷуд бошад) Миқдори умумии соатҳои ин намуди машгулият.

**- КМРО (Кори мустақилонаи донишҷӯ бо роҳбарии омӯзгор):** Миқдори умумии соатҳо барои кори мустакилонаи донишҷуён таҳти роҳбарии омӯзгор (машваратҳо, супоришҳои инфиродӣ ва ғ.).

- Мудири кафедра метавонад ин маълумотро бо имзои худ тасдиқ кунад.

5.11.3. **Ҷадвали “Иҷрои нақша”:** Ин ҷадвал барои сабти ҳар як дарси гузаронидашуда пешбинӣ шудааст:

**- Таърихи рӯз:** Санаи аниқи баргузории дарс дар формати "рр.мм.сс" (Масалан, "03.02.25").

**- Номгуи мавзуъҳо:** Номи мавзуи дарси гузашташуда мувофиқи нақшаи тақвимӣ-мавзуии тасдиқшуда, мухтасар ва фаҳмо сабт гардад.

**- Миқдори соат:** Миқдори воқеии соатҳои сарфшуда барои мавзуи мазкур дар намуди дахлдори дарс (лексия, амалӣ (семинарӣ), таҷрибавӣ, КМРО).

- Имзо: Омӯзгоре, ки дарсро гузаронидааст, пас аз ҳар як дарси сабтшуда



Сканировано с CamScanner

дар сутуни "Имзо" имзои шахсии худро мегузорад. Ин имзо тасдиқи он аст, ки дарс баргузор шуда, мавзуъ омӯзонида шудааст ва маълумоти воридшуда дуруст аст. Ин бояд фавран дар оғози дарс анҷом дода шавад.

5.11.4. Қисмати **“Соати тарбиявӣ”:** ин машғулият дар қисмати охири журнал сабт карда шудааст, тартиби қайди он мутобиқи меъёрҳои муқаррааргардида ва бо риояи тамоми талаботи ҳуҷҷатгузорӣ анҷом дода мешавад. Масъулияти пурра барои дуруст ва саривақт ворид намудани маълумот ба зиммаи шахси масъул — куратор вогузор мегардад, ки ӯ бояд назорати мунтазам бурда, дурустии маълумоти сабтшударо таъмин намояд.

5.12. **Варақаи умумии қайди натиҷаи давомоти донишҷӯён (ҷамъбасти ҳафтаина).** Ин варақа аз ҷониби мушовири академӣ, дар шароити донишкада куратор ҳар ҳафта (ё дар муддати дигари муқарраршуда) пур карда шуда, натиҷаи умумии давомот ва соатҳои босабаб/бесабаб ғоиб будани донишдуёнро ҷамъбаст мекунад:

5.12.1. **Ному насаби донишҷӯ:** Руйхати донишҷӯёни гурӯҳ.

5.12.2. Сутунҳои рақамдор (1, 2, 3... то 16 ё бештар): ин сутунҳо ҳафтаҳои таълимии нимсоларо ифода мекунанд.

5.12.3. Тартиби сабти соатҳои ғоибона (МУХИМ!): “Тарзи микдори соатҳои дар машгулиятҳои дарсӣ ҳузур надоштани донишҷӯ дар шакли каср ба қайд гирифта мешаванд. Сурати каср миқдори соатҳои босабаб ғоиб буданро нишон медиҳад ва махраҷи он - миқдори соатҳои бесабаб дар машғулиятҳои дарсӣ ҳузур надоштанро дар давоми ҳафтаи мазкур ифода мекунад”. Мисоли мушаххас: Агар донишҷӯ дар давоми ҳафтаи якуми таълимӣ 2 соат бо сабаби беморӣ (бо пешниҳоди маълумотномаи тиббии расмӣ) ва 4 соат бе ягон сабаби узрнок дар дарсҳо иштирок накарда бошад, дар сутуни "1" (ё сутуни ҳафтаи якум) барои ин донишҷӯ аломати касрии ”2/4” сабт карда мешавад. Агар донишҷӯ тамоми ҳафта дар ҳамаи дарсҳо иштирок карда бошад, ячейка холӣ монда метавонад ё “0/0” ё танҳо “0” навишта мешавад. Агар танҳо соатҳои бесабаб ғоиб бошад, "0/X" навишта мешавад (X - соатҳои бесабаб). Агар танҳо босабаб ғоиб бошад, "Y/0" навишта мешавад (Y -



Сканировано с CamScanner

соатҳои босабаб).

5.12.4. **Қайдҳои махсус:** Дар ин сутун мушовири академӣ, дар шароити донишкада метавонад маълумоти иловагии муҳимро вобаста ба давомоти донишҷӯ (масалан, бемории давомнок, огоҳиҳои интизомӣ барои ғоибҳои бесабаб, иҷозати дарозмуддат ва ғ.) қайд намояд.

5.12.5. **Имзои мушовири академӣ (эдвайзер):** Пас аз ҷамъбасти ҳарҳафтаина, мушовир, дар шароити донишкада куратор дар ҷои муқарраршуда имзо ва санаи пур кардани маълумотро мегузорад.

## 6. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

6.1. Дар сурати риоя накардани талабот ва муқаррароти Дастурамали мазкур, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба шахсони масъул чораҳои интизомӣ ва ҳуқуқӣ андешида мешаванд, ки шакл ва микдори он аз дараҷаи вайронкунӣ вобаста аст.

6.2. Иҷрои талаботи Дастурамал ҳангоми ворид намудани маълумот ба журнал — аз ҷумла, сабти мавзуъ, соатҳои дарсӣ, таърихи гузаронидани дарс ва дигар ҷузъиёти марбут ба таҳсил — ҳатмӣ буда, ҳар як истифодабаранда масъулияти пурраи ҳуқуқӣ ва молиявиро ба ӯҳда мегирад. Ҳамзамон, истифодабарандагон ҳуқуқ доранд барои такмил, ислоҳ ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба бандҳои дахлдори Дастурамал ба Шурои олимони донишкада пешниҳодҳо ва таклифҳои нав пешниҳод намоянд.

6.3. Тағйиру иловаҳо ба Дастурамал танҳо тибқи тартиби муқарраргардидаи донишкада ва бо тасдиқи раёсати донишкада ва Шурои олимон амалӣ карда мешаванд, то мазмун ва эътибори ҳуқуқии ҳуҷҷат ҳифз гардад.

Дастурамал дар ҷаласаи Шурои олимони
донишкада «26» 11 соли 2020
(Пайнавишти №5/58) баррасӣ гашта,
ҷонибдорӣ карда шудааст.



Сканировано с CamScanner